«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Ш.Х.
_____
«24» ноябри соли 2022.

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Каримова Ҳилола Қодиралиевна дар мавзуи **«Тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Каримова Ҳилола Қодиралиевна соли 2017 зинаи бакалаври факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иттилоот ва робита ва соли 2019 зинаи магистратураи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, аз соли 2019 то соли 2022 ба ҳайси докторанти фалсафа (Ph.D) дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Мушовири илмии Ҳилола Каримова доктори илми филология, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кӯчарзода Аламхон мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 21.12.2019 бо қарори №4 тасдиқ карда шудааст.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Каримова Ҳилола Қодиралиевна дар мавзуи «Тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод» дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филология ва матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон аз аз 28 июни соли 2022, суратҷаласаи №13 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессори кафедраи матбуот Муродӣ Мурод Бердиевич ва номзади илми филология, ходима пешбари Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Ҳошимова Хуршеда муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Насри мустанади муосири тоҷик ҳанӯз рӯзҳои аввали пайдоиши матбуоти даврӣ мувофиқи тақозои давру замон жанру намудҳои худро ғанӣ гардонд. Назар ба махсусиятҳои худ насри мустанад вобаста ба раванди ҷомеаи марбута мавзую масъалаҳояшро тағйир медод ва дар ҳама даврахои таърихи миллати тоҷик ҳамнавоӣ зоҳир менамуд. Тамоми рӯйдоду ҳаводиси солҳои гуногун дар меҳвари навъҳои шинохтаи он – ёддошт, насри ҳуҷҷатӣ, очерку мақолаҳои иҷтимоӣ, фелетон, памфлет ва очеркҳои сафарӣ қарор гирифтааст. Яъне дар ҳама давру замон рукни асосии жанрҳои насри мустанад дигаргуниҳои ҳаётӣ будааст. Бо назардошти ҳамин андешаҳо дар диссертатсияи Ҳилола Каримова баррасӣ ва таҳқиқи тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод мавзуи мубрам ва тозаи илмӣ арзёбӣ гардидааст.

Таҳқиқи густардаи ҳамин гуна тағйирот ва таҳаввулот дар заминаи насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод, ки дар диссертатсияи Каримова Ҳ. Қ. ба он таваҷҷуҳ шудааст, аз ҷумлаи **вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносист**.

Дар диссертатсияи Каримова Ҳилола таҳқиқи мавзуъҳои покизагии ахлоқи ҷомеа, тозагии забони модарӣ, баланд бардоштани ҳисси хештаншиносию меҳанпарастии ҳамватанон, эҳтиром нисбат ба фарҳангу адабиёти беш аз ҳазорсола ва шахсиятҳои бузурги таърихӣ дар насри мустанади Нависандаи халқии Тоҷикистон – Ӯрун Кӯҳзод аз ҷумлаи **масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ** шудаанд. Воқеан, Ӯрун Кӯҳзод аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон ба зиндагӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ муносибати интиқодӣ доштааст, мутаассифона, мавзуъ, мухтаво ва тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади ӯ ба таҳқиқи ҷудогона ва монографӣ фаро гирифта нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи диссертатсионии Ҳилола Каримова ба мавзуъ ва масъалаи мубрами илмӣ бахшида шуда, тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод аз назари вижагиҳои жанрии осори нависанда, мавқеи муаллиф ҳамчун ноқил ва масъалаҳои асосӣ баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҷойгоҳи нависанда дар адабиёти мустанади

муосири тоҷик таъйин гардида, аз аҳаммияти махсус доштани кор гувоҳӣ медиҳад.

Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он ба таҳлилу баррасӣ гирифтани масъалаи тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод ва дар баробари ин, мавқеи нависанда дар инъикоси масъалаҳои мубрами замон, дараҷаи мавҷудияти омилҳои таъсирбахш дар насри мустанади адиб ва таносуби бадеияту воқеият дар осори ӯ буда, барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур ҳисобида шудааст:

– муайян намудани заминаҳо ва марҳилаҳои пайдоишу ташаккули насри мустанади тоҷик;

– омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод, махсусан баррасии тасвири бадеии воқеият дар романи «Ҳайҷо»;

– муайян намудани мундариҷаи ғоявии осори адиб ва мавқеи ӯ ҳамчун ноқил дар насри мустанад;

– таҳқиқи мансубияти жанрии осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод;

– дар асоси омӯзиши жанрҳои серистеъмоли насри мустанади нависанда, чун мақола, фелетон, очерк, лавҳа, эссе ва памфлет баррасии ҷараёни ташаккулу такомули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва ғояҳои меҳандӯстию ифтихори миллии адиб;

– таҳқиқи забон ва сабки баёни осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод;

– таҳқиқу таъйини дараҷаи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки воқеан, дар илми адабиётшиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки дар диссерататсияи мавриди назар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод, аз нуқтаи назари ҳадафи эҷодӣ, замон ва воқеият, ҳақиқати таърихӣ, муносибати муаллиф ба воқеаҳо ва иштироки бевоситаи ӯ дар онҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу таҳқиқи осори мустанади нависанда, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз **методҳои** таърихӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, сифативу миқдорӣ, ва хронологӣ истифода карда, ба осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст.

Арзиши назарии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти давраи навини тоҷик ва баррасии баъзе масъалаҳои назарии насри мустанади муосири тоҷик барои адабиётшиносон, публитсистон, муҳаққиқон ва донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Арзиши амалии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар аснои навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, машғулиятҳои назариву амалии соҳаҳои адабиётшиносӣ ва публитсистика метавон самаранок истифода намуд. Маводи диссертатсия метавонад ба адабиётшиносон, муҳаққиқон, пажӯҳишгарон ёрии амалӣ расонад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи илмии 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Каримова Ҳилола Қодиралиевнаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Каримова Ҳ. Қ. дар мавзуи «Тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, профессор Муродӣ М. Б. ва номзади илми филология Ҳошимова Х. онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 23 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 4 аз 22.11.2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология,
профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.

Муқарризони холис:

доктори илми филология, профессори
кафедраи матбуоти факултети
журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ М.Б.

номзади илми филология, ходима
пешбари Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Ҳошимова Х.

Котиби илмии шуро, дотсент Мавлонзода Ш.

Имзоҳои С. Эмомалӣ, Муродӣ М. Б. ва
Ш. Мавлонзодаро «тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«22» ноябри соли 2022

Имзои Ҳошимова Х.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ..

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 21.
Телефон: (+992)2272907; (+992)2273378.
E-mail: iza_rudaki21@mail.ru
«22» ноябри соли 2022